# КОНВЕНСИЯ

## ДАР БОРАИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАК



20 сол
КОНВЕНСИЯ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАК

ЮНИСЕФ
ваҳдат баҳри кӯдакон

# Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак

**Бо Қарори Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид тахти рақами 44/25 аз 20 ноябри соли 1989 қабул гардидааст.**

**2 сентябри соли 1990 амал қарор дода шуд.**

**26 июни соли 1993 аз Ҷониби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.**

Шарҳу баёни мухтасари ғайрирасмии муқаррароти асосӣ

## Пешгуфтор

*Давлатҳо - ширкаткунандагони Конвенсияи мазкур,*

- бо назардошти он ки мувофиқи принсипҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид эътирофи шаъну эътибори махсус, ҳуқуқи баробар ва дахлнопазири ҳамаи аъзои ҷомеа асоси таъмини озодӣ, адолат ва сулҳ дар рӯи замин аст;

- бо назардошти он ки халқҳои Милали Муттаҳид дар Оинномаи худ нисбат ба ҳуқуқи асосии инсон, нисбат ба шаъну эътибори шахсияти ӯ содиқанд ва бо тамоми қатъият ба пешрафти иҷтимоӣ ва беҳбуди шароити ҳаёт дар заминаи озодии бештаре мусоидат менамоянд;

- бо эътирофи он ки Созмони Милали Муттаҳид дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Қарордодҳои байналмилалии ҳуқуқи башар эълом доштааст ва бар он аст, ки ҳар инсон бояд аз тамоми ҳуқуқу озодиҳое, ки дар ин санадҳо сабт шудаанд, бархӯрдор бошад ва дар ин роҳ вобаста ба нишонаҳое чун нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин, ақидаҳои сиёсӣ ё ақидаҳои дигар, аслу насаби миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи дороӣ, таваллуд ё шароити дигар бояд фарқ гузошта нашавад;

- бо хотирнишон сохтани он ки Созмони Милали Муттаҳид дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар таъкид доштааст, ки кӯдакон ба ғамхории махсус ва кӯмак ҳуқуқ доранд;

- бо эътиқоди он ки оила ҷузъи асосии ҷомеа ва табиат аст, бахри рушду беҳзистии ҳамаи аъзояш, бахусус бачаҳо, бояд мусоидат намуд ва ҳимояи зарурӣ муҳайё кард, то ки оила тавонад иҷрои пурраи вазифаи худро дар назди ҷомеа ба зимма бигирад;

- бо эътирофи он ки кӯдак бояд дар иҳотаи оила, муҳити бахту саодат, меҳру муҳаббат ва ҳусни тафоҳум калон шавад, то ки инкишофи комил ва мутаносиби шахсияти ӯ имконпазир гардад;

**Пешгуфтор**

Дар пешгуфтор шартҳои асосии Созмони Милали Муттаҳид ва муқаррароти аниқи баъзе аҳдномаҳои дахлдор ва изҳорот оид ба ҳуқуқҳои инсон зикр мегарданд. Дар он тасдиқ мегардад, ки кӯдакон бо сабаби оҷизии худ ба ғамхорӣ ва муҳофизати махсус мӯҳтоҷанд, дар он диққати махсус ба ғамхории асосӣ ва масъулият аз рӯи муҳофизати онҳо дар оила дода мешавад. Дар он ҳамчунин зарурати муҳофизати ҳуқуқӣ ва дигар намуди муҳофизати кӯдак то ва баъди таваллуд, зарурати ҳурмати арзишҳои фарҳангии мардуме, ки кӯдак ба он мансуб аст, ва нақши ҳаётан муҳими ҳамкории байналмилалӣ дар кори ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак таъкид мегардад.

- бо дарки он ки кӯдак барои ҳаёти мустақилона дар ҷамъият бояд пурра тайёр шавад ва дар рӯҳияи мақсадҳои олие, ки дар Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид эълом шудаанд, бахусус дар рӯҳияи эҳтироми сулҳ, мақому шаъну эътибори инсон, таҳаммулпазирӣ, озодӣ, баробарӣ ва ҳамдилӣ тарбия ёбад;

- бо дарки он ки зарурати чунин ҳимояи махсуси кӯдак дар Эъломияи женевагии ҳуқуқҳои кӯдак, соли 1924, дар Эъломияи ҳуқуқҳои кӯдак, ки аз тарафи Ассамблеяи Генералӣ 20 ноябри соли 1959 қабул шудааст, дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар эътироф гардидааст, дар Қарордоди байналмилалӣ роҷеъ ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (аз ҷумла дар моддаҳои 23 ва 24), инчунин дар Қарордоди байналмилалӣ роҷеъ ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (аз ҷумла дар моддаи 10), оинномаҳо ва ҳуҷҷатҳои марбутаи муассисаҳои тахассусӣ ва созмонҳои байналмилалие, ки бо масоили беҳзистии кӯдакон машғуланд, дар назар гирифта шудаанд;

- бо назардошти он ки дар Эъломияи ҳуқуқҳи кӯдак гуфта шудааст, ки: «кӯдак дар ҳоли ноболиғии ҷисмонӣ ва нокомилии ақлонӣ ба ҳимоя ва ғамхории махсус эҳтиёҷ дорад ва ҳимояи ҳуқуқии муносиби пеш аз таваллуд ва баъди он аз ҷумлаи ҳамин ғамхориҳост»;

- бо истинод ба муқаррароти Эъломия, принсипҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии он, ки ба ҳимоя ва беҳзистии кӯдакон, хусусан ҳангоми супурдани бачаҳо барои тарбия ва фарзандхонӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ, бо истинод ба Қоидаҳои маъмули камтарини Созмони Милали Муттаҳид барои идораи адолати ноболиғон («Қоидаҳои Пекин»), бо истинод ба Эъломияи ҳимояи занону кӯдакон дар вазъияти фавқулодда ва даргириҳои мусаллаҳона;

- бо эътирофи он ки дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон кӯдаконе ҳастанд, ки дар шароити ниҳоят душвор зиндагӣ мекунанд ва ба таваҷҷӯҳи махсус эҳтиёҷ доранд;

- бо назардошти аҳамияти анъанаҳо ва арзишҳои фарҳангии ҳар миллат дар заминаи ҳимоя ва инкишофи мутаносиби кӯдак;

- бо эътирофи аҳамияти ҳамкории байналмилалӣ, ба хотири беҳсозии шароити зисти кӯдакон дар ҳар кишвар, аз ҷумла дар кишварҳои рӯ ба рушд,

***дар мавриди зайл ба мувофиқа расиданд:***

# ҚИСМИ 1

## Моддаи 1

Мувофиқи мақсадҳои Конвенсияи мазкур одам то 18-солагӣ кӯдак ба шумор меравад, ба истиснои мавридҳое, ки тибқи қонуни миллии кишвараш синни балоғати ӯ пештар фаро мерасад.

**Мафҳуми кӯдак**
Шахсе кӯдак ба шумор меравад, ки синнаш ба 18 нарасида бошад, ба истиснои мавридҳое, ки мувофиқи қонуни миллӣ балоғат аз синни хурдтар пешбинӣ шудааст.

## Моддаи 2

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳама ҳуқуқҳоеро, ки Конвенсияи мазкур барои кӯдакони дар доираи ҳуқуқи онҳо қарордошта пешбинӣ кардааст, бе ҳуқуқпоймолкунӣ, новобаста аз нажод, пӯст, ҷинс, забон, дин, ақидаҳои сиёсӣ ва дигар ақидаҳо, мансубияти миллӣ, этникӣ ё иҷтимоӣ, вазъи дороӣ, таваллуди кӯдак, ки будани падару модари вай ё васиҳои қонунии ӯ ва ё вазъияти дигар эҳтиром мекунанд ва таъмин менамоянд.
2. Давлатҳои ширкаткунанда баҳри таъмини ҳимояи кӯдак аз ҳама шаклҳои ҳуқуқпоймолкуниҳо ё ҷазо барои мақомаш, фаъолияташ, изҳори ақидаву эътиқодаш, ақидаҳои падару модараш, васиҳои қонуниаш ё аъзои дигари оилааш, ё дар ҳама гуна дигар мавридҳо тамоми чораҳои заруриро меандешанд.

**Бартараф намудани ҳуқуқпоймолкунӣ**
Ҳамаи ҳуқуқҳо бе ягон истисно тамоми кӯдаконро фаро мегиранд. Давлат ӯҳдадор аст кӯдакро аз ҳар гуна шаклҳои ҳуқуқпоймолкунӣ муҳофизат намояд ва ҷиҳати муҳофизати ҳуқуқҳои он чораҳои зарурӣ андешад.

## Моддаи 3

1. Дар ҳамаи иқдомоти вобаста ба кӯдакон таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа пеш аз ҳама ба риояи манфиатҳои кӯдак равона мешавад, сарфи назар аз он ки ин иқдомотро кӣ пешкаш кардааст - муассисаи давлатӣ, хусусӣ, таъминоти иҷтимоӣ, додгоҳҳо, мақомоти маъмурӣ ё қонунгузорӣ.
2. Давлатҳои ширкаткунанда ӯҳдадор мешаванд кӯдакро бо чунин ҳимоя ва ғамхорӣ таъмин намоянд, ки барои беҳзистию хайрияти вай заруранд, ҳуқуқу вазифаҳои падару модарон, васиҳо ё дигар ашхосеро, ки нисбат ба ӯ масъулияти қонунӣ доранд, ба эътибор мегиранд, бо ин мақсад ҳамаи чораҳои қонунгузорӣ ва маъмурии мувофиқро меандешанд.
3. Давлатҳои ширкаткунанда шароит фароҳам меоранд, ки идораҳо, хадамот ва дастгоҳҳои масъули ҳимоя ё ғамхории кӯдакон мувофиқи қоидаҳои муқарраргардидаи ташкилотҳои салоҳиятдор, аз ҷумла қоидаҳои соҳаи бехатарӣ ва тандурустӣ ва аз нуқтаи назари шумора ва қобилияти нерӯи корӣ, инчунин аз ҷиҳати назорати салоҳиятнок ҷавобгӯйи меъёрҳои муайяншуда бошанд.

**Таъмини беҳтарини ҳуқуқҳои кӯдак**
Ҳамаи амалиётҳо нисбати кӯдак бояд пурра манфиати кӯдакро ба назар гиранд. Давлат бояд ғамхории дахлдорро нисбати кӯдак таъмин намояд, агар падару модар ё дигар шахсоне, ки ба зиммаи онҳо чунин масъулият вогузор карда шудааст, ин корро накунанд.

## Моддаи 4

**Дар амал татбиқ намудани ҳуқуқҳо**
Баҳри дар амал татбиқ намудани ҳуқуқҳои дар Конвенсияи мазкур омада, давлат бояд чораҳои имконпазир андешад.

Давлатҳои ширкаткунанда барои амалӣ гардонидани ҳуқуқе, ки дар Конвенсияи мазкур эътироф шудааст, ҳамаи тадбирҳои зарурии қонунгузорӣ, маъмурӣ ва дигар чораҳо меандешанд. Дар бобати ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо бардошти тамоми захираи худ ва ҳангоми зарурат, дар ҳудуди ҳамкории байналмилалӣ, ин чораҳоро амалӣ мекунанд.

## Моддаи 5

**Тарбия дар оила ва қобилияти инкишофёфтаистодаи кӯдак**
Давлат бояд ҳуқуқ ва масъулияти падару модарон ва оилаи калонро дар масъалаи тарбияи кӯдак мувофиқи қобилияти инкишофёфтаистодаи ӯ ҳурмат кунад.

Давлатҳои ширкаткунанда масъулият, ҳуқуқ, вазифаҳои падару модаронро ва дар мавридҳои марбута аъзои оила ё ҷомеаро, чуноне ки русуми маҳал пешбинӣ намудааст, васиҳо ё ашхоси дигареро, ки мувофиқи қонун масъулияти нигоҳубини кӯдакро ба ӯҳдаи худ гирифтаанд, эҳтиром мекунанд, барои амалӣ гардонидани ҳуқуқи эътирофкардаи Конвенсияи мазкур ба кӯдак ба таври бояду шояд роҳбарӣ мекунанд ва ин кор ба қадри инкишофи қобилияти кӯдак иҷро мешавад.

## Моддаи 6

**Зинда мондан ва инкишоф**
Ҳар як кӯдак ҳуқуқи дахлнопазир ба ҳаёт дорад ва давлат ӯҳдадор аст зинда мондан ва инкишофи кӯдакро таъмин намояд.

1. Давлатҳои ширкаткунанда эътироф мекунанд, ки ҳар як кӯдак ба ҳаёт ҳуқуқи ҷудонопазир дорад.
2. Давлатҳои ширкаткунанда дар аввалин имконияти хеш зинда мондан ва инкишофи солими кӯдакро таъмин менамоянд.

## Моддаи 7

**Ном ва шаҳрвандӣ**
Кӯдак ҳангоми таваллуд ҳуқуқ ба ном дорад. Кӯдак ба гирифтани шаҳрвандӣ ва ҳамчунин, то ҳадде ки имконпазир аст, ба донистани падару модари худ ва ғамхории онҳо ҳақ дорад.

1. Кӯдак баъди таввалуд дарҳол ба қайд гирифта мешавад ва аз ин лаҳза ба ном ва дарёфти шаҳрвандӣ ҳуқуқ дорад, ҳамчунин, то ҳадде ки имконпазир аст, ба донистани падару модари худ ва ғамхории онҳо ҳақ дорад.
2. Давлатҳои ширкаткунанда амалӣ шудани ин ҳуқуқро мутобиқи қонунгузории миллии худ таъмин мекунанд, ӯҳдадориҳои мавҷудаи ин соҳаро тибқи санадҳои байналмилалӣ иҷро менамоянд ва ҳатто дар ҳолати шаҳрванд набудани кӯдак ӯҳдадориҳои худро ба иҷро мерасонанд.

## Моддаи 8

1. Давлатҳои ширкаткунанда ӯҳдадор мешаванд, ки ҳуқуқи кӯдакро барои ҳифзи фардияташ ҳурмат мекунанд, аз ҷумла нисбати шаҳрвандӣ, ном ва иртиботи оилавии ӯ, ки қонун дар назар дорад, эҳтиром зоҳир менамоянд ва ба дахолати ғайриқонунӣ роҳ намедиҳанд.
2. Агар кӯдак аз як қисм ё ҳамаи ҷузъияти фардияти худ ғайриқонунӣ маҳрум гардад, давлатҳои ширкаткунанда барои ҳарчӣ зудтар барқарор шудани фардияташ ёрии зарурӣ мерасонанд.

**Нигоҳдории фардият**
Давлат ӯҳдадор аст ҷанбаҳои асосии фардияти кӯдакро муҳофизат намояд ва дар мавридҳои зарурӣ барқарор созад. Он ном, шаҳрвандӣ ва робитаҳои оилавиро дар бар мегирад.

## Моддаи 9

1. Давлатҳои ширкаткунанда шароите фароҳам меоваранд, ки кӯдак бидуни хоҳиши падару модар аз онҳо ҷудо нашавад, ба истиснои мавридҳое, ки мақомоти салоҳиятдор тибқи қарори додгоҳ, тибқи қонун ва тартиботи муқараршуда муайян менамоянд, ки аз падару модар ҷудо шудани кӯдак зарур ва мувофиқи беҳтарин манфиатҳои худи кӯдак аст. Чунин муқаррарот дар баъзе мавридҳои мушаххас зарур меояд, масалан ҳангоме ки падару модар ба кӯдак муомилаи бераҳмона доранд ё ба ӯ ғамхор нестанд, ё дар сурате ки алоҳида зиндагӣ мекунанд ва дар бораи ҷои зисти кӯдак қароре қабул кардан лозим меояд.
2. Тибқи банди якуми моддаи мазкур дар рафти ҳар муҳокимае, ки пеш меояд, ба ҳамаи тарафҳои манфиатдор имкон дода мешавад, ки дар баҳс иштирок кунанд ва нуқтаи назари худро баён намоянд.
3. Давлатҳои ширкаткунанда нисбат ба кӯдаки аз падару модар ё аз яке онҳо ҷудошуда, ҳуқуқи муносибати мунтазам ва мустақими ӯро бо падару модараш эҳтиром мекунанд, ба истиснои мавридҳое, ки ин муносибату робитаҳо хилофи беҳтарин манфиатҳои кӯдак аст.
4. Дар мавридҳое, ки ин гуна ҷудоӣ аз ягон қарори давлати ширкаткунанда бармеояд, масалан дар мавриди боздошт, ҳабс, бадарға, кӯчонидани маҷбурӣ, марги худи кӯдак (аз ҷумла марге, ки бо ягон сабаб ҳангоми дар тобеияти ин давлат будани шахс фаро расидааст), давлати ширкаткунанда бо дархости падару модар ё кӯдак ё дигар аъзои оила, ҳангоми зарурат, иттилооти лозимаро оиди маҳалли иқомати аъзои ғоиби оила пешниҳод мекунад, ба шарте ки чунин иттилоот ба осудаҳолии кӯдак зарар нарасонад. Давлатҳои ширкаткунанда коре мекунанд, ки иҷрои чунин дархост барои ашхоси дахлдор ё яке аз онҳо оқибатҳои нохуш наорад.

**Ҷудошавӣ аз падару модар**
Кӯдак ҳуқуқ дорад, ки бо падару модари худ зиндагонӣ кунад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки ин ба манфиатҳои беҳтарини кӯдак мухолифат мекунад. Кӯдак ҳамчунин ҳуқуқ дорад, ки бо падару модари худ дар мавриди ҷудо шудани кӯдак бо яке аз онҳо ё бо ҳар ду алоқаро нигоҳ дорад.

## Моддаи 10

**Аз нав ҳамроҳшавии оила**
Кӯдакон ва падару модарони онҳо ҳуқуқ доранд, ки ҳар гуна кишварро тарк кунанд ва ба ватани худ бо мақсади аз нав ҳамроҳ шудан ё нигох доштани муносибатҳои шахсӣ байни кӯдак ва падару модари ӯ баргарданд.

1. Тибқи ӯҳдадориҳои давлатҳои ширкаткунанда, ки дар банди якуми моддаи 9 баён шудаанд, аризаи кӯдак ё падару модари вай, ки бо мақсади як шудани оила хоҳиши ба давлати ширкаткунанда ворид шудан ё аз он берун рафтанро доранд, бояд аз тарафи давлатҳои ширкаткунанда ба таври мусбат, инсондӯстона, фаврӣ баррасӣ шавад. Давлатҳои ширкаткунанда минбаъд шароите фароҳам меоранд, ки иҷрои ин дархостҳо барои аризадиҳандагон ва аъзои оилаи онҳо оқибатҳои нохуш наорад.
2. Кӯдаке, ки падару модараш дар кишварҳои гуногун зиндагӣ мекунанд, ҳақ дорад бо онҳо мунтазам, ба истиснои мавридҳои махсус, муносибати шахсӣ ва пайвандии бевосита дошта бошад. Бо ин мақсад ва тибқи ӯҳдадориашон, ки дар банди дуюми моддаи 9 баён шудааст, давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқеро эҳтиром мекунанд, ки мувофиқи он кӯдак ва падару модар ҳақ доранд ҳар кишвареро, аз ҷумла кишвари худро тарк кунанд ва ё ба ватани худ баргарданд. Дар бобати ҳуқуқи тарки ҳар кишвар фақат ҳамон маҳдудиятҳое истифода шуда метавонанд, ки бо қонун муқаррар шудаанд, ва барои ҳифзи бехатарии давлат, тартиботи ҷамъиятӣ, тандурустӣ ва ахлоқии аҳолӣ ё ҳуқуқи озодии ашхоси дигар заруранд ва бо ҳуқуқи дигар, ки дар Конвенсияи мазкур эътироф шудаанд, мутобиқ мебошанд.

## Моддаи 11

**Кӯчи ғайриқонунӣ ва барнагаштан**
Давлат ӯҳдадор аст дуздӣ ё нигоҳ доштани кӯдакро дар хориҷа аз ҷониби ё падар ё модар ё тарафи сеюм пешгирӣ намояд ва дар чунин ҳолатҳо чораҳои зарурӣ андешад.

1. Давлатҳои ширкаткунанда барои мубориза бо кӯчидани ғайриқонунӣ ва барнагаштани кӯдакон аз хориҷа чораҳо меандешанд.
2. Бо ин мақсад давлатҳои ширкаткунанда ба бастани созишномаҳои дуҷониба ё чандҷониба, ё барои ҳамроҳ шудан ба созишномаҳои амалкунанда мусоидат менамоянд.

## Моддаи 12

**Назари шахсии кӯдак**
Кӯдак ҳуқуқ дорад назари шахсии худро озодона ифода намояд ва ҳангоми ҳалли ҳар гуна масъалаҳое, ки ба ин кӯдак дахл доранд, ба он бояд диққат дода шавад.

1. Давлатҳои ширкаткунанда шароите фароҳам меоваранд, ки кӯдаке, ки назари шахсии худро ифода карда метавонад, имкон дошта бошад нуқтаи назарашро оид ба ҳамаи масъалаҳои дахлдор озодона баён намояд. Дар ин маврид ба нуқтаи назари кӯдак мувофиқи синну сол ва инкишофи ӯ эътибор дода мешавад.

2. Бо ин мақсад ба кӯдак, аз ҷумла, имкон дода мешавад, ки дар рафти ҳар гуна мурофиаи додгоҳ ё тафтишоти маъмурии марбут ба кӯдак бевосита ё ба воситаи намоянда ё идораи дахлдор, бо тартибе, ки бо меъёрҳои мурофиавии қонунгузории миллӣ пешбинӣ гардидааст, баромад кунад.

## Моддаи 13

1. Кӯдак ҳуқуқ дорад ақидаи худро озодона баён намояд; ин ҳуқуқ, ки истифодаи озодонаи иттилоот, қабулу ирсоли он ва ҳар навъ андешаро дар бар мегирад, новобаста ба сарҳаддҳо, дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ё чопӣ, дар шакли асарҳои санъат ё бо ёрии воситаҳои дигар, мувофиқи интихоби кӯдак амалӣ мешавад.
2. Татбиқи ин ҳуқуқ метавонад таҳти баъзе маҳдудиятҳо қарор гирад, ки қонун пешбинӣ намудааст ва ин маҳдудиятҳо заруранд:
   а) барои эҳтироми ҳуқуқу шаъну шараф ва эътибори ашхоси дигар;
   б) барои ҳимояи бехатарии давлатӣ ё тартиботи ҷамъиятӣ, тандурустӣ ва ахлоқӣ.

**Озодона изҳор намудани ақида**
Кӯдак ҳуқуқ дорад ақидаи худро изҳор кунад, маълумот гирад, маълумот ва фикру ақидаи худро новобаста аз сарҳадот фиристонад.

## Моддаи 14

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи кӯдакро ба озодии афкор, виҷдон ва дин эҳтиром мекунанд.
2. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқу вазифаҳои падару модар, дар мавридҳои муносиб, васиҳои қонуниро ба роҳбарӣ намудани кӯдак дар амалӣ гаштани ҳуқуқи ӯ бо усуле, ки ба инкишофи қобилияти кӯдак мувофиқат кунад, эҳтиром мекунанд.
3. Озодии пайравӣ ба дин ё мазҳаби худ метавонад фақат таҳти чунин маҳдудиятҳое қарор гирад, ки бо қонун муқаррар шудаанд ва барои ҳимояи бехатарии давлат, тартиботи ҷамъиятӣ, ахлоқ ва тандурустии аҳолӣ ё ҳимояи ҳуқуқи асосии ашхоси дигар ва озодии онҳо заруранд.

**Озодии афкор, виҷдон ва дин**
Давлат ӯҳдадор аст озодии афкор, виҷдон ва дини кӯдакро ҳангоми роҳбарии дахлдор аз тарафи падару модар ҳурмат кунад.

## Моддаи 15

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи кӯдакро дар озодии иттиҳодиятҳо ва озодии маҷлисҳои осоишта эътироф мекунанд.

**Озодии иттиҳодияҳо**
Кӯдак ҳуқуқ дорад бо дигар одамон вохӯриҳо гузаронад ва ба иттиҳодияҳо дохил шавад ё иттиҳодияҳо таъсис диҳад.

2. Дар мавриди татбиқи ин ҳуқуқ ҳеҷ гуна маҳдудият ба кор бурда намешавад, ба истисној маҳдудиятҳое, ки мувофиқи қонун амалӣ мегарданд ва дар ҷомеаи демократӣ ба манфиати бехатарии ҷамъият, тартиботи ҷамъият, ҳифзи тандурустӣ ё ахлоқӣ ё ҳимояи ҳуқуқу озодии ашхоси дигар заруранд.

## Моддаи 16

**Ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ба ҳаёти шахсӣ**
Кӯдакон ба муҳофизат аз дахолат ба ҳаёти шахсӣ, оилавӣ, ҳамчунин мукотиба, ба муҳофизат аз тӯҳмат ва бӯҳтон ҳуқуқ доранд.

1. Ягон кӯдак дар амалӣ гардидани ҳуқуқи ӯ ба ҳаёти шахсӣ, ҳаёти оилавӣ, дахлнопазирии манзил ё сирри мукотибот набояд ҳадафи дахолати худсарона ё ғайриқонунӣ қарор бигирад ё ки ба номус ва обрӯи вай тааддии ғайриқонунӣ содир шавад.
2. Кӯдак ҳуқуқ дорад тибқи қонун аз ин гуна дахолат ё тааддӣ ҳимоя шавад.

## Моддаи 17

**Дастрасӣ ба маълумоти дахлдор**
Давлат бояд дастрасии кӯдаконро ба маълумот ва маводҳо аз сарчашмаҳои гуногун таъмин намояд, он бояд дар воситаҳои ахбори умум паҳншавии маводҳоеро, ки ба рушди иҷтимоӣ ва фарҳангии кӯдак мусоидат мекунанд, дастгирӣ намояд ва дар масъалаи муҳофизати кӯдакон аз маълумоти зараровар чораҳо андешад.

Давлатҳои ширкаткунанда нақши муҳими васоити ахбори умумро дар ҳаёти кӯдак эътироф мекунанд ва дастрасии ӯро ба ахбор ва мавод аз сарчашмаҳои гуногуни миллию байналмилалӣ таъмин месозанд, ки ба беҳзистии иҷтимоӣ, маънавӣ, ахлоқӣ равона шуда бошанд, инчунин ба инкишофи солими ҷисмонию рӯҳонии кӯдак мусоидат кунанд.

Бо ин мақсад давлатҳои ширкаткунанда:

а) васоити ахбори умумро дар пахши иттилоот ва маводе, ки барои кӯдак аз ҷиҳати иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва мувофиқи талаботи моддаи 29 манфиатнок ҳастанд, дастгирӣ мекунанд;

б) ҳамкориҳои байналмилалиро дар соҳаи омода намудан, мубодила ва пахши чунин иттилооту мавод аз сарчашмаҳои гуногуни фарҳангӣ, миллӣ ва байналмилалӣ дастгирӣ мекунанд;

в) табъу нашри адабиёти бачагонаро дастгирӣ мекунанд;

г) васоити ахбори умумро дар зоҳир намудани эътибори махсус ба талаботи забонии кӯдаке, ки аз аҳли гурӯҳи ақаллият ё аҳолии таҳҷоист, дастгирӣ мекунанд.

д) таҳияи принсипҳои марбутаи ҳифзи кӯдакро аз иттилооту маводе, ки барои беҳзистии ӯ зарар доранд, дастгирӣ мекунанд ва дар ин кор муқаррароти моддаҳои 13 ва 18-ро ба назар мегиранд.

## Моддаи 18

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳамаи талошҳои имконпазирро мекунанд, ки эътирофи принсипи масъулиятшиносии умумӣ ва якхелаи падару модар баҳри тарбия ва инкишофи кӯдак таъмин шавад. Падару модар, инчунин дар мавридҳои марбут, васиҳои қонунӣ, барои тарбия ва инкишофи кӯдак масъулияти асосиро ба ӯҳда доранд. Беҳтарин манфиатҳои кӯдак мавриди таваҷҷӯҳи асосии онҳо қарор меёбанд.
2. Давлатҳои ширкаткунанда бо мақсади кафолат ва мусоидат барои иҷрои ҳуқуқе, ки дар Конвенсияи мазкур нишон дода шудааст, ба падару модар ва васиҳои қонунӣ баҳри адои вазифаҳояшон оид ба тарбияи фарзандон кӯмаки даркорӣ мерасонанд ва рушди муассисаҳои кӯдаконаро таъмин мекунанд.
3. Давлатҳои ширкаткунанда ҳамаи чораҳоро меандешанд, то кӯдаконе, ки падару модаронашон кор мекунанд, аз ҳуқуқи истифодаи хадамоти махсуси давлатӣ ва муассисаҳои нигоҳубини кӯдакон бархӯрдор бошанд.

**Масъулияти падару модар**
Падару модар якҷоя барои тарбияи кӯдак ҷавобгӯ мебошанд, давлат бошад онҳоро дар ин кор бояд дастгирӣ намояд. Давлат бояд ба падару модар дар тарбияи кӯдак кӯмаки зарурӣ расонад.

## Моддаи 19

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳамаи чораҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ, иҷтимоӣ ва маърифатиро меандешанд, то кӯдак аз ҳама шаклҳои зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳонӣ, аз таҳқир ё суиистифодаи шаҳвонӣ, ки аз тарафи падару модар ё васиҳо ва ё дигар шахсони масъули сарпараст содир мегарданд, ҳимоя шавад.
2. Чунин чораҳои ҳимоя, дар сурати зарурат, аз таъмини тартиботи самараноке барои тарҳрезии барномаҳои иҷтимоӣ иборат хоҳад буд, ки мақсади он дастгирии зарурии кӯдак ва ашхосест, ки дар ҳаққи ӯ ғамхорӣ зоҳир мекунанд, ҳамчунин амалӣ гардонидани шаклҳои дигари пешгирӣ ва фошкунӣ, хабардоркунӣ ва супурдан ба баррасӣ, таҳқиқ, табобат ё дидани чораҳои минбаъда дар сурати рӯй додани муносибати бераҳмона нисбат ба кӯдак, ки дар боло ишора шуд ва дар мавриди зарурат тақозои додрасӣ мебошад.

**Муҳофизат аз суиистифода ва муносибати бедиққатона**
Давлат бояд кӯдакро аз ҳар гуна муносибати бад нисбати ӯ аз тарафи падару модар ё дигар шахсоне, ки барои ғамхории ӯ ҷавобгӯ ҳастанд, муҳофизат кунад ва барномаҳои дахлдори иҷтимоӣ оид ба пешгирии суиистифода ва табобати зарардидагон таҳия намояд.

## Моддаи 20

1. Кӯдаке, ки муваққатан ё доиман аз ғамхории оилааш маҳрум аст, ё ба хотири беҳтарин манфиатҳои худ дар ин муҳит буда наметавонад, ба ҳимоя ва кӯмаки махсус ҳуқуқ дорад, ки аз тарафи давлат пешниҳод мегарданд.

**Муҳофизати кӯдаке, ки аз падару модар маҳрум аст**
Давлат ӯҳдадор аст муҳофизати иҷтимоии кӯдакеро, ки аз оила маҳрум аст, таъмин намояд ва алтернативаи дахлдори ғамхории оилавиро таъмин намояд ё ҷой кунонидани ӯро дар муассисаи дахл-

дор оид ба нигоҳубини кӯдак дар чунин ҳолатҳо таъмин намояд. Дар масъалаи иҷрои ин ӯҳдадориҳо бояд мансубияти фарҳангии кӯдак низ ба инобат гирифта шавад.

2. Давлатҳои ширкаткунанда мувофиқи қонунҳои миллии худ нигоҳубини чунин кӯдакро таъмин мекунанд.
3. Чунин нигоҳубинӣ метавонад аз ҷумла дар бар гирад: кӯдакро барои тарбия аз рӯи шариати исломӣ ба «кафолат» супоранд, ба фарзандхонӣ иҷозат диҳанд ё дар сурати зарурат дар муассисаҳои дахлдори нигоҳубини кӯдакон ҷойгир кунанд.

Ҳангоми баррасии шаклҳои дигари нигоҳубин зарурати таъмини ирсияти тарбияи кӯдак, инчунин нажод, мансубияти диниву фарҳангӣ ва забони модарии ӯ ба тарзи шоиста ба инобат гирифта шаванд.

## Моддаи 21

**Фарзандхонӣ**
Дар кишварҳое, ки фарзандхонӣ эътироф мегардад ва/ё ба он иҷозат дода мешавад, он метавонад танҳо дар ҳолати ба назар гирифтани беҳтарин манфиатҳои кӯдак ва мавҷуд будани иҷозатномаи ҳукуматҳои салоҳиятнок, ҳамчунин кафолат барои кӯдак амалӣ гардад.

Давлатҳои ширкаткунандае, ки низоми фарзандхониро эътироф мекунанд ва/ё ба он иҷозат медиҳанд, шароитеро таъмин месозанд, ки пеш аз ҳама беҳтарин манфиатҳои кӯдак ба назар гирифта шаванд, ва онҳо:

а) шароите таъмин мекунанд, ки ба фарзандӣ гирифтан фақат аз тарафи мақомоти расмии босалоҳият иҷозат дода шавад. Ин мақомот тибқи қонунҳо ва тартиботи корбарии маъмурӣ ва дар асоси ҳамаи иттилооти дахлдор ва қобили эътимод муқаррар мекунанд, ки фарзандхонӣ бо назардошти вазъи кӯдак нисбати падару модар, хешу табор ва васиҳои қонунӣ имконпазир аст, ва, агар зарур ояд, шахсони манфиатдор дар асоси чунин машварат барои ба фарзандӣ гирифтан розигии худро медиҳанд;

б) эътироф мекунанд, ки ба фарзандӣ гирифтан дар кишвари дигар ба сифати алтернативаи парвариши кӯдак баррасӣ карда шуда метавонад, агар дар кишвари худ имконияти тарбия додан ё ба фарзандӣ қабул намудан ба ягон оилае, ки тарбия ва ба фарзандӣ қабул намудани онро таъмин карда метавониста бошад, имконнопазир бошад;

в) шароите фароҳам меоранд, ки агар кӯдак дар кишвари дигаре фарзандхон шавад, ҳамаи кафолат ва меъёрҳое, ки дар кишвари худ ё дар мавриди фарзандхонӣ роиҷ аст, риоя гардад;

г) ҳамаи чораҳоро меандешанд, ки агар кӯдак дар мамлакати дигаре ба фарзандӣ қабул шавад, ҷойгир карданӣ ӯ боиси ба даст овардани фоидаи беасоси молии шахсони алоқаманди ин кор нагардад;

д) дар мавриди зарурӣ, барои ба даст овардани мақсадҳои моддаи мазкур баҳри имзо шудани созишномаҳо ё қарордодҳои дуҷониба ё чандҷониба мусоидат мекунанд ва дар ин асос барои таъмини

шароите мекӯшанд, ки ҷойгир шудани кӯдак дар дигар кишвар аз тарафи мақомоти расмӣ ё идораҳои босалоҳият анҷом дода шавад.

## Моддаи 22

**Кӯдакон- гуреза**
Кӯдакон-гуреза, ки мақоми гурезаро гирифтанӣ ҳастанд, бояд бо муҳофизати махсус таъмин карда шаванд. Давлат ӯҳдадор аст бо ташкилотҳои салоҳиятнок, ки чунин муҳофизат ва кӯмакро таъмин мекунанд, ҳамкорӣ намояд.

1. Давлатҳои ширкаткунанда чораҳои зарурӣ меандешанд, ки агар кӯдак мақоми гурезагӣ гирифтан хоҳад ё агар тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ ё дохилӣ ё расмиёт гуреза ҳисоб шавад, хоҳ танҳо, хоҳ ҳамроҳи падару модар ё ҳамроҳи ҳар одами дигаре бошад, ӯро бо ҳимояи даркорӣ ва ёрии башардӯстона таъмин намоянд ва кӯдак аз ҳуқуқе, ки дар Конвенсияи мазкур ва дигар ҳуҷҷатҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ё ҳуҷҷатҳои башардӯстона қайд гардидаанд, ки давлатҳои зикргардида иштироккунандаи он ҳастанд, баҳраманд бошад.
2. Бо ин мақсад давлатҳои ширкаткунанда, ҳангоми зарурат ба ҳама кӯшишҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои босалоҳияти байнидавлатӣ ё ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки бо Созмони Милали Муттаҳид ҳамкорӣ доранд, барои ҳимояи чунин кӯдак, ёрӣ расонидан ба ӯ, ҷустуҷӯи падару модар ё дигар аъзои оилаи ҳар кӯдаки гуреза, барои дарёфти иттилооте, ки ҷиҳати пайвастани ӯ бо оилааш заруранд, мусоидат мекунанд. Агар падару модар ё дигар аъзои оила ёфт нашаванд, кӯдак мисли ҳар кӯдаке, ки бо ягон сабаб муваққатан ё доиман аз оила маҳрум гаштааст, тавре ки дар Конвенсияи мазкур муқаррар гардидааст, ҳимоя мешавад.

## Моддаи 23

**Кӯдакони маъюб**
Кӯдаки маъюб ба нигоҳубини махсус, таҳсилот ва омодагӣ бо мақсади ба чунин кӯдак таъмин намудани ҳаёти пурарзиш ва арзанда дар шароите, ки мустақилияти пурра ва ҳамгироии иҷтимоиро таъмин мекунад, ҳуқуқ дорад.

1. Давлатҳои ширкаткунанда эътироф мекунанд, ки кӯдаки рӯҳан ва ҷисман ноқис бояд ҳаёти пурарзиш дошта бошад, шароите дошта бошад, ки шарафи инсонии ӯро таъмин кунад, барои ба худ бовар доштанаш мусоидат намояд ва иштироки ӯро дар ҳаёти ҷомеа осон гардонад.
2. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи кӯдаки ноқисро ба ғамхории махсус эътироф мекунанд ва ҳангоми мавҷуд будани захираҳо барои чунин ғамхорӣ ҳуқуқи кӯдак ва шахсони барои нигоҳубини кӯдак масъулро ба кӯмак, ки барои он ариза пешниҳод карда шудааст ва ба вазъи кӯдак ва падару модар ва шахсони дигаре, ки кӯдакро нигоҳубин мекунанд, мувофиқат мекунад, дастгирӣ ва таъмин менамоянд.
3. Бо эътирофи эҳтиёҷоти махсуси кӯдаки ноқис мувофиқи банди 2 моддаи мазкур ёрие, ки расонида

мешавад, то ҳадди имкон ройгон хоҳад буд. Дар ин маврид аҳволи моддии падару модар ва дигар шахсоне, ки дар ҳаққи кӯдак ғамхорӣ мекунанд, ба назар гирифта мешавад. Мақсад ин, ки кӯдаки ноқис ба хадамоти соҳаи маориф, тайёрии касбӣ, хидмати тиббӣ, барқароркунии саломатӣ, воситаҳои истироҳат, омодагӣ ба фаъолияти меҳнатӣ дастрасӣ дошта бошад, то ки ба ҳадди имкон ҳарчӣ пурратар ба ҳайёти иҷтимоӣ ҷалб шавад, дар инкишофи шахсияти худ, аз ҷумла дар инкишофи фарҳангиву маънавӣ, комёб бошад.

4. Давлатҳои ширкаткунанда дар партави ҳамкории байналмилалӣ барои мубодилаи ахбори вобаста ба пешгирӣ намудани бемориҳо ва табобати рӯҳӣ ва функсионалии кӯдакони ноқис мусоидат мекунанд. Ин мусоидат паҳн кардани иттилоот оид ба равишҳои тармим (реабилитатсия), таҳсилоти умумӣ ва касбӣ, инчунин дастрасӣ ба ин иттилоотро низ фаро мегирад. Давлатҳои ширкаткунанда ба ин восита метавонанд имконоту донишҳои худро беҳтар ва таҷрибаашонро дар ин соҳа бештар гардонанд. Дар пайвастагӣ ба ин ба талаботи кишварҳои рӯ ба рушд бояд диққати махсус дода шавад.

## Моддаи 24

**Саломатӣ ва тандурустӣ**
Кӯдак ба кӯмаки тиббӣ ҳуқуқ дорад, ки ба меъёрҳои баландтарин, ки метавонад дар асл таъмин карда шавад, ҷавобгӯ аст. Давлатҳо ба пешниҳоди кӯмаки аввалияи тиббӣ, пешгирии бемориҳо, ташвиқоти тозагӣ ва паст кардани фавти кӯдакона бояд диққати махсус диҳанд. Онҳо бояд ҳамкории байналмилалиро дастгирӣ намоянд ва тамоми чораҳоро андешанд, то ки ягон кӯдак аз дастрасӣ ба хидматрасонии тандурустии самаранок маҳрум набошад.

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи кӯдакро барои истифодаи мукаммалтари хадамоти соҳаи тандурустӣ, воситаҳои табобат ва барқарор кардани саломатӣ эътироф мекунанд. Давлатҳои ширкаткунанда бояд шароите таъмин намоянд, ки ягон кӯдак аз ҳуқуқи дастрасӣ ба хадамоти соҳаи нигаҳдории тандурустӣ маҳрум набошад.

2. Давлатҳои ширкаткунанда кӯшиш мекунанд, ки ин ҳуқуқ пурра таъмин шавад, аз ҷумла чораҳо меандешанд, ки:

   а) сатҳи фавти кӯдакони навзод ва кӯдакмурӣ паст карда шавад;

   б) тамоми кӯдакон бо кӯмаки зарурии тиббӣ ва ҳифзи саломатӣ таъмин бошанд, диққат пеш аз ҳама ба инкишофи ёрии аввалини тиббию беҳдоштӣ равона шавад;

   в) бо беморӣ ва камғизоӣ мубориза бурда шавад, аз ҷумла дар доираи ёрии аввалини тиббию беҳдоштӣ, дар қатори дигар чораҳо, технологияе, ки ба осонӣ дастрас карда мешавад, истифода гардад, хӯроквории серғизо, оби тозаи нӯшокӣ пешниҳод

карда шавад, хавфу хатари ифлоси муҳити зист ба эътибор гирифта шавад;

г) ба модарон баҳри ҳифзи саломатиашон дар даври пеш аз таваллуд ва баъд хидмат расонида шавад;

д) ҳамаи табақаҳои ҷамъият, аз ҷумла падару модарон ва кӯдакон, дар бораи саломатӣ ва ғизои кӯдакон, дар бораи муҳити зисти кӯдак ва пешгирии воқеаҳои нохуш огаҳӣ дошта бошанд, инчунин дастрасии онҳо ба маърифату таҳсил таъмин гардад, барои истифодаи ин донишҳо дастгирӣ бинанд;

е) инкишофи корҳои равшангарӣ ва хадамоти соҳаи пешгирии бемориҳо ба воситаи ёрии тиббӣ ва танзими оила таъмин гардад.

3. Давлатҳои ширкаткунанда ҳамаи чораҳои самаранок ва заруриро меандешанд, то анъанаҳои суннатие, ки ба саломатии кӯдак таъсири манфӣ мерасонанд, барҳам дода шаванд.

4. Давлатҳои ширкаткунанда ӯҳдадор мешаванд ҳамкории байналмилалиро дастгирӣ кунанд ва бо мақсади тадриҷан ба даст овардани иҷрои пурраи ҳуқуқе, ки дар моддаи мазкур эътироф шудааст, онро вусъат диҳанд. Дар пайвастагӣ ба ин, диққати асосӣ бояд ба талаботи кишварҳои рӯ ба рушд дода шавад.

## Моддаи 25

Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи кӯдакеро, ки идораҳои босалоҳият вайро бо мақсади нигоҳубин, ҳимоя ва табобати ҷисмонӣ ё рӯҳонӣ ба парасторӣ додаанд, ба зарурати санҷиши мунтазами табобат ва ҳар шароити дигаре, ки ба нигоҳубинаш алоқаманд аст, эътироф мекунанд.

**Арзёбии даврӣ ҳангоми парасторӣ**
Кӯдаке, ки бо мақсади нигоҳубин, муҳофизат ё табобат ба тарбияи давлат вогузошта шудааст, ба тафтиши мунтазам ҳуқуқ дорад.

## Моддаи 26

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи ҳар кӯдакро ба неъматҳои таъминоти иҷтимоӣ, аз ҷумла ба суғуртаи иҷтимоӣ, эътироф мекунанд. Барои таъмини пурраи ин ҳуқуқ дар мутобиқат бо қонунгузории миллиашон ҳамаи чораҳои заруриро мебинанд.

2. Ин неъматҳои иҷтимоӣ ба қадри зарурат ва ба андозаи захираҳои мавҷуда ва имкониятҳои кӯдак ё сарпарастони ӯ фароҳам оварда мешаванд.

**Таъмини иҷтимоӣ**
Кӯдак ҳуқуқ дорад аз манфиатҳои таъмини иҷтимоӣ, аз ҷумла суғуртаи иҷтимоӣ истифода барад.

## Моддаи 27

**Сатҳи зиндагӣ**
Ҳар як кӯдак ба сатҳи зиндагие, ки барои инкишофи ҷисмонӣ, фикрӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ заруранд, ҳуқуқ дорад. Падару модар барои таъмини сатҳи зарурии зиндагӣ масъулияти махсус доранд. Ӯҳдадории давлат аз он иборат аст, ки барои амалигардонии ин масъулият тамоми шароит фароҳам оварад. Ӯҳдадории давлат дар ин ҳолат аз расонидани кӯмаки моддӣ ба падару модар ва кӯдакони онҳо иборат буда метавонад.

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи ҳар кӯдакро барои таъмини сатҳи зиндагие, ки баҳри инкишофи ҷисмонӣ, ақлонӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии кӯдак зарур аст, эътироф мекунанд.
2. Падару модар ё ашхоси дигари тарбиятдиҳандаи кӯдак баҳри таъмини чунин шароити зиндагӣ, ки барои инкишофи ӯ зарур аст, масъулияти асосиро ба ӯҳда доранд ва дар доираи қобилияту имкониятҳои молии худ амал мекунанд.
3. Давлатҳои ширкаткунанда тибқи шароити миллӣ ва дар доираи имкониятҳои худ чораҳои даркорӣ меандешанд, ки ба падару модарон ё дигар ашхосе, ки ба тарбияи кӯдак машғуланд, ёрӣ бидиҳанд, то ки ин ҳуқуқ амалӣ шавад Дар мавриди зарурӣ ёрии моддӣ мерасонанд, барномаҳоеро, ки хусусан ба таъмини хӯроку пӯшок ва ҷои зист нигаронида шудаанд, дастгирӣ мекунанд.
4. Давлатҳои ширкаткунанда чораҳои зарурӣ мебинанд, ки нигаҳбонии кӯдак аз ҷониби падару модар ё ашхоси дигар, ки масъулияти молӣ доранд, чӣ дар дохили давлати ширкаткунанда, чӣ дар хориҷ, барқарор шавад. Аз ҷумла, агар кӯдак ва шахсе, ки масъулияти молии кӯдакро ба ӯҳда дорад, дар давлатҳои гуногун зиндагӣ кунанд, давлатҳои ширкаткунанда барои ҳамроҳ шудан ба созишномаҳои байналмилалӣ ё бастани чунин созишномаҳо, инчунин барои ба даст овардани дигар карордодҳои дахлдор мусоидат мекунанд.

## Моддаи 28

**Таҳсилот**
Кӯдак ба таҳсилот ҳуқуқ дорад ва ӯҳдадории давлат дар таъмини таҳсилоти ройгон ва ҳатмии ибтидоӣ, дар дастгирии таҳсилоти миёна, ки барои ҳар як кӯдак дастрас аст, дар таъмини дастрасии таҳсилоти олӣ барои ҳама дар асоси қобилият мебошад. Интизоми мактаб бояд бо назардошти ҳуқуқ ва ҳурмати ҳуқуқҳои кӯдак таъмин карда шавад. Давлат бояд бо мақсади амалигардонии ин ҳуқуқҳо ҳамкории байналмилалиро татбиқ намояд.

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи кӯдакро барои таҳсилот эътироф мекунанд. Бо мақсаде, ки ин имконият тадриҷан барои ҳамагон фароҳам ояд, аз ҷумла:
   а) таҳсили ибтидоии ҳатмии ройгонро ҷорӣ мекунанд;
   б) инкишофи шаклҳои гуногуни маълумоти умумӣ, чӣ маълумоти миёна, чӣ касбиро, дастгирӣ мекунанд, ба он дастрасӣ доштани ҳамаи бачаҳоро таъмин месозанд, чораҳое чун ҷорӣ намудани таҳсили ройгон ва дар мавридҳои зарурӣ, расонидани кӯмаки молиро меандешанд;
   в) ба таҳсилоти олӣ дастрасӣ доштани ҳамаро дар асоси лаёқати ҳар кас ва бо ёрии ҳамаи воситаҳои мавҷуда таъмин мекунанд;

г) ба иттилоот ва маводи соҳаи таҳсилоту тайёрии касбӣ дастрасӣ доштани ҳамаи кӯдаконро таъмин мекунанд;

д) барои мусоидат намудан ба иштироки пайвастаи талабагон дар мактаб ва кам шудани шумораи онҳое, ки мактабро тарк кардаанд, чораҳо меандешанд.

2. Давлатҳои ширкаткунанда ҳамаи чораҳои заруриро меандешанд, то интизом дар мактаб бо усулҳое, ки эҳтироми шарафи инсонии кӯдакро дар назар доранд, нигаҳдорӣ шавад ва мувофиқи Конвенсияи мазкур бошад.

3. Давлатҳои ширкаткунанда ҳамкории байналмилалии оид ба масъалаҳои таҳсилотро дастгирӣ мекунанд ва инкишоф медиҳанд, аз ҷумла барои маҳви бесаводӣ дар ҷаҳон, барои дастрасӣ ба донишҳои илмиву техникӣ усули муосири омӯзиш мусоидат менамоянд. Дар робита бо ин, ба дархостҳои кишварҳои рӯ ба тараққӣ диққати махсус медиҳанд.

## Моддаи 29

**Мақсади таҳсилот**
Таҳсилот бояд ба инкишофи шахсият, истеъдод, қобилияти фикрӣ ва ҷисмонӣ равона гардад. Таҳсилот бояд кӯдакро ба ҳаёти фаъоли калонсолон дар ҷомеаи озод тайёр кунад ва дар ӯ ҳисси ҳурмати падару модари худ, хусусияти фарҳангӣ, забон ва арзишот, анъанаҳои фарҳангӣ ва арзишҳои дигаронро тарбия намояд.

1. Давлатҳои ширкаткунанда ба мувофиқа меоянд, ки таҳсилоти кӯдак равона шавад:

а) ба инкишофи умумиии шахсият, истеъдод, қобилияти ақлониву ҷисмонии кӯдак;

б) ба тарбияи эҳтироми ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, инчунин эҳтироми принсипҳое, ки дар Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид эълом шудаанд;

в) ба тарбияи ҳурмати падару модари кӯдак, ҳурмати хусусияти фарҳангӣ, забони модарии ӯ ва арзишҳои он, ҳурмати арзишҳои миллии кишваре, ки кӯдак зиндагӣ мекунад, ва кишваре, ки баромадаш аз он ҷост, ҳурмати тамаддунҳое, ки аз тамаддуни худаш фарқ мекунанд;

г) ба омодасозии кӯдак барои ҳаёти бошуурона дар ҷомеаи озод дар рӯҳияи ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳ, таҳаммул, баробарҳуқуқии марду зан, дӯстии ҳамаи халқҳо, гурӯҳҳои этникӣ, миллӣ ва динӣ, инчунин дӯстӣ бо мардуми таҳҷоӣ;

д) ба тарбияи эҳтиром нисбат ба муҳити зист.

2. Ягон қисми моддаи мазкур ё моддаи 28 чун маҳдуд кардани озодии шахсони алоҳида ё мақомоте дар таъсиси муассисаҳои таълимӣ ва роҳбарии ин муассисаҳо маънидод карда намешавад, ба шарте, ки принсипҳои дар

банди 1 моддаи мазкур баёншуда, пайваста риоя гарданд, маълумоте, ки дар чунин муассисаҳои таълимӣ дода мешаванд, ҷавобгӯи меъёрҳои камтарини муайянкардаи давлат бошанд.

## Моддаи 30

**Кӯдаконе, ки ба ақалият ва аҳолии таҳҷой мансуб ҳастанд**
Кӯдаконе, ки ба ақалият ва аҳолии таҳҷой мансуб ҳастанд, ҳуқуқ доранд аз фарҳанг ва забони модарии худ истифода баранд ва дини худро омурзиш кунанд.

Дар давлатҳое, ки ақаллияти динӣ, этники ё забонӣ ва ё мардуми таҳҷой зиндагӣ мекунанд, кӯдаки ба ақаллиятҳо ё аҳолии таҳҷой мансуббуда, аз ҳуқуқи истифодаи фарҳанг, забони модарӣ, риояи дин ва иҷрои маросимҳои динӣ бо ҳамгурӯҳонаш набояд маҳрум бошад.

## Моддаи 31

**Истироҳат, фароғат ва ҳаёти фарҳангӣ**
Кӯдак ба истироҳат, фароғат ва иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ ва эҷодӣ ҳуқуқ дорад.

1. Давлатҳои иштиркунанда эътироф мекунанд, ки кӯдак барои истироҳат ва фароғат, барои иштирок дар бозиҳо ва чорабиниҳои шавқангези мувофиқи синну сол, барои ширкати озодона дар ҳаёти фарҳангӣ ва шуғл варзидан ба санъат ҳуқуқ дорад.
2. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи кӯдакро ба иштироки ҳаматарафа дар ҳаёти фарҳангӣ ва эҷодӣ эҳтиром ва дастгирӣ намуда, ба муҳайё сохтани имкониятҳои мувофиқ ва баробар барои фаъолияти фарҳангӣ ва эҷодӣ, фароғат ва истироҳат мусоидат мекунанд.

## Моддаи 32

**Меҳнати кӯдакона**
Кӯдак, дар мавриди ба ӯ супоридани кори ба саломатӣ, таҳсилот ва рушди ӯ зараровар, ба муҳофизат ҳуқуқ дорад. Давлат бояд синну соли ақалро барои қабул кардан ба кор муқаррар созад ва нисбати шароити меҳнат талабот муайян кунад.

1. Давлатҳои ширкаткунанда ҳуқуқи кӯдакро барои ҳимоя аз истисмори иқтисодӣ, аз иҷрои ҳар коре, ки барои саломатии ӯ хатар дорад ё садди роҳи таҳсилот мешавад ё ба саломатии ӯ, инкишофи ҷисмонӣ, ақлонӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоиаш зарар мерасонад, эътироф мекунанд.
2. Давлатҳои ширкаткунанда чораҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва иҷтимоӣ, инчунин ҷиҳати дар амал таъмин сохтани амалигардонии моддаи мазкур дар соҳаи таҳсилот чораҳо меандешанд. Бо ин мақсад давлатҳои ширкаткунанда мувофиқи муқаррароти дигар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ амал мекунанд, аз ҷумла:
   а) ҳадди синну соли кӯдакон ё чанд ҳадди ақали синну соли кӯдаконро барои қабул кардан ба кор таъин менамоянд;
   б) меъёри зарурии рӯзи кор ва шароити кориро муайян менамоянд;

в) ҷазоҳои муносиб ё чораҳои дигарро меандешанд, то ки татбиқи босамари моддаи мазкур таъмин гардад.

## Моддаи 33

Давлатҳои ширкаткунанда ҳама чораҳои зарурӣ, аз ҷумла тадбирҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ ва иҷтимоӣ, инчунин чораҳое дар соҳаи таҳсилот меандешанд, ки кӯдаконро аз истеъмоли моддаҳои нашъаовар ва истеъмоли моддаҳои равоншикан (психотропӣ) тибқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ ҳифз намоянд ва роҳ надиҳанд, ки кӯдакон барои истеҳсоли ғайриқонунӣ ва фурӯши ин моддаҳо истифода шаванд.

**Истеъмоли ғайриқонунии маводи мухаддир**
Кӯдакон ба муҳофизат аз истеъмоли ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, ҳамчунин ҷалби онҳо ба истеҳсоли чунин мавод ва савдои он ҳуқуқ доранд.

## Моддаи 34

Давлатҳои ширкаткунанда ӯҳдадор мешаванд, ки кӯдаконро аз ҳама гуна шаклҳои истисмори шаҳвонӣ ва бурдан ба бадроҳии шаҳвонӣ ҳифз намоянд. Бо ин мақсад давлатҳои ширкаткунанда, аз ҷумла дар сатҳи дуҷониба ва чандҷониба барои пешгирии рӯйдодҳои зерин чора меандешанд:

а) моил ё маҷбур кардани кӯдак ба ҳар фаъолияти шаҳвонӣ;

б) истисмори кӯдак дар фоҳишагӣ ё дигар амалиёти шаҳвонӣ;

в) истисмори кӯдак дар бараҳнатасвирӣ (порнография) ва маводи бараҳнатасвирӣ.

**Истисмори шаҳвонӣ**
Давлат бояд кӯдакро аз истисмори шаҳвонӣ ва бурдан ба бадроҳии шаҳвонӣ, аз ҷумла фоҳишагӣ ва бараҳнатасвирӣ (порнография) ҳифз намояд.

## Моддаи 35

Давлатҳои ширкаткунанда дар сатҳи миллӣ, сатҳи дуҷониба ва чандҷониба ҳамаи чораҳои заруриро меандешанд, ки кӯдакдуздӣ, кӯдакфӯрушӣ ё қочоқи кӯдак, бо кадом шаклу мақсаде, ки набошад, пешгирӣ шаванд.

**Фурӯш, қочоқ ва дуздӣ**
Ӯҳдадории давлат аз он иборат аст, ки баҳри пешгирии кӯдакдуздӣ, фурӯши кӯдакон ва қочоқи онҳо тамоми саъю кӯшишро ба харҷ диҳад.

## Моддаи 36

Давлатҳои ширкаткунанда кӯдакро аз тамоми шаклҳои дигари истисмор, ки аз ягон ҷиҳат ба осудаҳолии вай зарар мерасонанд, ҳифз менамоянд.

**Шаклҳои дигари истисмор**
Кӯдакон ба ҳифз аз тамоми шаклҳои дигари истисмор, ки аз ягон ҷиҳат ба осудаҳолии вай зарар мерасонанд, ҳуқуқ доранд.

## Моддаи 37

Давлатҳои ширкаткунанда шароите муҳайё месозанд, ки:

а) ягон кӯдак ба азобу шиканҷа ё дигар навъҳои муносибати бад, ё ҷазои бераҳмона ва ғайриинсонӣ, ё

**Азобу шиканҷа ва аз озодӣ маҳрум шудан**
Ягон кӯдак набояд ба азобу шиканҷа, муносибати дағал ва

ҷазо, ҳабси ғайриқонунӣ ё аз озодӣ маҳрум гирифтор шавад. Ҷазои қатл ва ҳабси якумрӣ бе имконияти озод шудан ҳангоми ҷазо додани кӯдакони синнашон то 18 манъ аст. Ҳар як кӯдак бояд аз калонсолон ҷудо нигоҳ дошта шавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин ҷудоикунӣ ба манфиати беҳтарини кӯдак мухолифат мекунад. Кӯдаки боздоштшуда ба кӯмаки ҳуқуқӣ ва дигар кӯмак, ҳамчунин ба алоқа бо оила ҳуқуқ дорад.

таҳқиркунандаи шаъни инсонӣ гирифтор нашавад. Ба шахсоне, ки синнашон аз 18 поён аст, барои содир кардани ҷинояте ҳукми қатл, ё ҳабси якумрӣ, ки имкони озодӣ надорад, муқаррар нашавад;

б) ягон кӯдак ғайриқонунӣ ё худсарона зиндонӣ (аз озоди маҳрум) нагардад. Боздошт ва зиндонӣ шудани кӯдак танҳо чун чораи ниҳоӣ ва то ҳадди имкон дар муддати кӯтоҳтар, баҷо оварда шавад;

в) ҳар кӯдаки зиндонӣ (маҳрум аз озодӣ) муомилаи инсондӯстона бинад ва шаъни мусаллами шахсии ӯ бо назардошти талаботи шахсони ҳамсоли вай эҳтиром шавад. Аз ҷумла ҳар кӯдаки зиндонӣ бояд аз калонсолон ҷудо нигоҳ дошта шавад, ба шарте ки ин кор хилофи беҳтарин манфиатҳои кӯдак набошад, бо аҳли оилаи худ аз тариқи мукотиба ва мулоқот бояд ҳуқуқи алоқа дошта бошад;

г) ҳар кӯдаки зиндонӣ (аз озодӣ маҳрумшуда) ба кӯмаки бетаъхири ҳуқуқӣ ва дигар кӯмакҳои дахлдор бояд дастрасӣ дошта бошад. Инчунин ҳуқуқ дошта бошад, ки дар назди додгоҳ ва дигар мақоми босалоҳияти мустақил ва беғараз, қонунияти ҳукми маҳрумӣ аз озодии барояш раводидаро мавриди баҳс қарор диҳад. Ҳамчунин ҳуқуқи талаби ҳарчӣ зудтар қарор баровардани онҳоро оид ба ҳар кадоми ин гуна амалиёти додрасӣ дошта бошад.

## Моддаи 38

**Задухӯрдҳои мусаллаҳона**
Давлатҳои ширкаткунанда то ҳадди имкон чора меандешанд, ки бачаҳои синнашон аз 15 поён дар амалиёти ҳарбӣ бевосита иштирок накунанд. Ягон кӯдаки синнаш то 15 набояд ба хидмат дар қувваҳои мусаллаҳ даъват карда шавад. Давлатҳо бояд нигоҳубини кӯдак ва муҳофизати кӯдаконеро, ки аз задухӯрдҳои мусаллаҳона зарар дидаанд, мувофиқи муқаррароти дахлдори ҳуқуқи байналмилалӣ таъмин намоянд.

1. Давлатҳои ширкаткунанда ӯҳдадор мешаванд меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии башардӯстонаро, ки дар мавриди задухӯрдҳои мусаллаҳона нисбати онҳо ба кор бурда мешаванд, ва ба кӯдакон низ дахл доранд, ҳурмат кунанд ва риояи он меъёрҳоро таъмин намоянд.

2. Давлатҳои ширкаткунанда то ҳадди имкон чора меандешанд, ки бачаҳои синнашон аз 15 поён дар амалиёти ҳарбӣ бевосита иштирок накунанд.

3. Давлатҳои ширкаткунанда барои хидмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳ аз даъвати бачаҳои то 15 сола худдорӣ мекунанд. Агар онҳоеро, ки ба синни 15 расидаанду ҳанӯз 18-сола нестанд, ба хидмати ҳарбӣ даъват кардан лозим ояд, давлатҳои ширкаткунанда ба даъвати шахсони калонсолтар афзалият медиҳанд.

4. Давлатҳои ширкаткунанда мувофиқи ӯҳдадориҳояшон оид ба ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона, ки ба ҳимояи аҳолии осоишта дар замони низои мусаллаҳона алоқаманд аст, вазифадоранд аз рӯи

имкон чораҳоеро бинанд, ки ҳангоми чунин низоъҳо ҳимоя ва нигоҳубини кӯдакон таъмин гарданд.

## Моддаи 39

Давлатҳои ширкаткунанда ҳама чораҳои заруриро меандешанд, ки барои барқароркунии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва истиқрори муҷаддад (реинтегратсия)-и иҷтимоии кӯдаке, ки гирифтори ҳар гуна беэътиноӣ, истисмор ё суиистифода, азобу шиканҷа ё дигар муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва ё пасткунандаи шаъни инсонӣ ё ҷазо шудааст, ё дучори задухӯрдҳои мусаллаҳона гардидааст, мусоидат намоянд. Чунин барқароркунӣ ва истиқрори муҷаддад бояд дар шароите, ки саломатӣ, эҳтиром ва шаъни инсонии кӯдакро ҳифз мекунад, амалӣ гардад.

**Нигоҳубин барои барқароркунии саломатии ҷисмонӣ**
Бо мақсади таъмини сиҳатӣ ва истиқрори муҷаддад (реинтегратсия)-и иҷтимоии кӯдаке, ки гирифтори ҳар гуна задухӯрдиҳои мусаллаҳона, азобу шиканҷа, беэътиноӣ, муносибати бераҳмона ё истисмор гардидааст, давлат бояд кӯдакро бо табобати зарурӣ таъмин намояд

## Моддаи 40

1. Давлатҳои ширкаткунанда эътироф мекунанд, ҳар кӯдаке, ки қонуни ҷиноиро вайрон кардааст ва аз ин рӯ дар қонуншиканӣ гумонбар ё гунаҳкор дониста мешавад, ба чунин муомилае ҳуқуқ дорад, ки барои инкишофи эҳсоси шаъни инсонӣ ва қадру қимати ӯ мусоидат мекунад, эҳтироми ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосии дигаронро мустаҳкам менамояд. Дар ин маврид синну соли кӯдак, матлубияти истиқрори муҷаддад (реинтегратсия)-и ӯ, имкони иҷрои накши босамари ӯ дар ҷомеа ба назар гирифта мешавад.
2. Давлатҳои ширкаткунанда бо ин мақсад ва бо назардошти муқаррароти дахлдори ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, шароит фароҳам меоранд, ки:

   а) ягон кӯдак рафтори норавою саҳве карда бошаду ҳангоми ин саҳву рафтори нораво карданаш, қонунҳои миллӣ ё байналмилалӣ ин амалҳоро манъ нанамуда бошанд, набояд ки вайронгари қонунгузории ҷиноӣ (ба сабаби амале ё беамалӣ), гумонбари гунаҳкорӣ ё гунаҳкор дониста шавад;

   б) ҳар кӯдаке, ки вайронгари қонуни ҷиноӣ ё дар вайронгарӣ гумонбар дониста мешавад, бояд ақаллан кафолатҳои зерин дошта бошад:

      1) то қонунан исбот шудани гуноҳаш бояд аз фарзияи бегуноҳӣ бархӯрдор бошад;

      2) бояд фавран ва бевосита аз гумонбар дониста шуданаш огоҳӣ ёбад ва агар зарур бошад, ин огоҳӣ ба воситаи падару модараш ё васиҳои қонуниаш бирасад. Ҳангоми омодагӣ ба ҳимояи

**Ҷорӣ кардани адолат нисбати ноболиғоне, ки ҳуқуқҳоро вайрон мекунанд**
Кӯдаке, ки қонунро вайрон кардааст, ба чунин муомилае ҳуқуқ дорад, ки барои рушди эҳсоси шаъни инсонӣ ва қадру қимати ӯ мусоидат мекунад, синну соли ӯ ба назар гирифта мешавад ва ба истиқрори муҷаддад (реинтегратсия)-и иҷтимоии кӯдак равона гардидааст. Кӯдак ҳангоми химоя ба кафолатҳои асосӣ, ҳамчунин ба кӯмаки ҳуқуқӣ ва ғайра ҳуқуқ дорад. Аз рӯи имкон аз тафтишоти судӣ ва нигоҳ доштан дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрум худдорӣ кардан зарур аст.

худ ва амалӣ кардани ин ҳимоя, битавонад кӯмаки ҳуқуқӣ ва дигар кӯмакҳо бигирад;

3) ҳангоме ки мақомоти босалоҳият ва беғаразе ё додгоҳе бо мурофиаи одилонаи қонунӣ дар ҳузури вакили додгустарӣ ё дигар чунин шахсе масъаларо баррасӣ мекунад, бояд зудтар қарор барорад, ба шарте ки суръат бахшидан ба ин амал хилофи беҳтарин манфиатҳои кӯдак набошад, аз ҷумла дар ин маврид синну соли ӯ, аҳволи падару модараш ё васиҳои қонуниаш ба назар гирифта шавад;

4) озодии кӯдак аз шаҳодатдиҳии маҷбурӣ таъмин гардад, шаҳодати шоҳидони гунаҳкоркунанда мустақилона ё бо ёрии шахсони дигар омӯхта шавад ва иштироки баробарҳуқуқонаи шоҳидони ҳимоятгар ва таҳқиқи шаҳодати онҳо таъмин гардад;

5) агар ҳисоб шавад, ки кӯдак қонуншиканӣ кардааст, масъала аз тарафи идораи босалоҳият, мустақил ва беғараз ё идораи додгоҳӣ бо қарор ва ҳама гуна чораҳои ба ин муносибат дидашуда, бояд тибқи қонун такроран мавриди баррасӣ қарор гирад;

6) агар кӯдак забони истифодашударо нафаҳмад ё бо он сухан гуфта натавонад, бояд аз ёрии ройгони тарҷумон бархӯрдор гардад;

7) эҳтироми комили ҳаёти шахсии ӯ дар ҳама марҳалаҳои мурофиа бояд таъмин шавад.

3. Давлатҳои ширкаткунанда барои кӯдаконе, ки шояд қонуншикании ҷиноӣ кардаанд, гумонбар ба айбдорӣ ё гунаҳкор дониста мешавад, қонунҳо ва тартиботи муайян ҷорӣ мекунанд, мақомоту муассисаҳое таъсис медиҳанд, ки бевосита ба кӯдакон дахл доранд. Аз ҷумла мекӯшанд, ки:

а) синни ниҳоии кӯдакиро муайян созанд, ки поинтар аз он синн кӯдак ба қонуншикании ҷиноӣ қодир нест;

б) агар зарурате ё хоҳише ба амал ояд, чораҳое бояд андешид, ки бо чунин кӯдакон бе дахолати додгоҳ муомила шавад ва дар ин маврид ҳуқуқи башар ва кафолатҳои ҳуқуқӣ мукаммалан риоя гарданд.

4. Чорабиниҳое аз қабили нигоҳубин, таҳияи дастурамали васояту назорат, ташкили хадамоти машваратӣ, таъини мӯҳлати санҷиш, тарбия, омодасозии барномаи таълиму тайёрии касбӣ ва дигар навъҳои ғамхорӣ, ки нигоҳубини муассисаҳоро иваз мекунанд, заруранд ва

мақсад аз онҳо таъмини чунин муомилае бо кӯдак аст, ки ба некӯаҳволӣ ва мақоми ӯ, инчунин ба хусусияти ҷинояти вай мувофиқат кунад.

## Моддаи 41

Конвенсияи мазкур ба муқаррароте, ки барои амалӣ шудани ҳуқуқи кӯдак бештар мусоидат менамоянд, мухолиф нестанд ва чунин муқарраротро ҳуҷҷатҳои зайл дар бар гирифта метавонанд:

а) ягон қонуни давлати ширкаткунанда; ё ки

б) меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки нисбат ба ин давлат амал мекунанд.

**Истифодаи меъёрҳои олитарин**
Дар мавриди аз меъёрҳои дар Конвенсияи мазкур омада баланд будани меъёрҳои бо ҳуқуқҳои кӯдак алоқаманди қонунҳои миллӣ ва байналмилалӣ, меъёрҳои олитарин истифода карда мешаванд.

# ҚИСМИ II

**Риоя ва эътибори қонунӣ пайдо кардан**

Муқаррароти асосии моддаҳои 42-45 чунинанд:

i). Давлат ӯҳдадор аст ба таври васеъ ҳам калонсолон ва ҳам кӯдаконро бо ҳуқуқҳои дар Конвенсияи мазкур омада шинос намояд.

ii). Таъсиси Кумита оид ба ҳуқуқҳои кӯдак дар ҳайати 10 коршинос барои баррасии маърӯзаҳои давлатҳои ширкаткунандаи Конвенсияи мазкур, ки онҳоро ҳар давлат бояд баъди ду соли тасдиқ ва баъдан баъди ҳар панҷ сол пешниҳод намояд. Конвенсияи мазкур эътибори қонунӣ пайдо мекунад ва Кумита мутаносибан баъди он ки 20 давлат Конвенсияро тасдиқ мекунанд, таъсис дода мешавад.

iii). Давлатҳои ширкаткунанда бояд ҷомеаро ба таври васеъ бо маърӯзаҳои худ ошно созанд.

iv). Кумита метавонад гузаронидани тадқиқоти махсусро аз рӯи масъалаҳое, ки бо ҳуқуқҳои кӯдак алоқаманд аст, пешниҳод кунад ва аз натиҷаҳои он ҳар як давлати ширкаткунандаи манфиатдор ва Ассамблеяи генералии СММ-ро хабардор намояд.

v). Бо мақсади мусоидат намудан ба татбиқи Конвенсия ва дастгирии ҳамкории байналмилалӣ муассисаҳои махсуси СММ, аз қабили Ташкилоти байналмилалии меҳнат, Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, Хазинаи СММ оид ба масъалаҳои таҳсилот, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) ва Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) имкон доранд, ки дар ҷаласаҳои Кумита иштирок намоянд. Дар якҷоягӣ бо дигар мақомоте, ки

## Моддаи 42

Давлатҳои ширкаткунанда ӯҳдадор мешаванд, ки чӣ калонсолон ва чӣ кӯдаконро аз принсипҳо ва муқаррароти Конвенсияи мазкур ҳамаҷониба огоҳ кунанд ва бо ин мақсад аз воситаҳои зарурӣ ва таъсирбахш истифода баранд.

## Моддаи 43

1. Бо мақсади баррасии пешрафте, ки давлатҳои ширкаткунанда дар вақти иҷрои ӯҳдадориҳои Конвенсияи мазкур ноил шудаанд, Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис мешавад. Вазифаҳои ин Кумита поинтар зикр хоҳанд шуд.
2. Аъзои Кумита аз 10 нафар коршинос иборатанд, ки дорои сифати баланди ахлоқӣ ҳастанд ва дар корбасти Конвенсияи мазкур ҳамчун шахсони босалоҳият шинохта шудаанд. Аъзои Кумитаро давлатҳои ширкаткунанда аз шаҳрвандони худ интихоб мекунанд ва ин аъзо ба сифати шахси алоҳида баромад мекунанд. Дар интихоби аъзои Кумита ба тақсимоти одилонаи ҷуғрофӣ ва системаҳои асосии ҳуқуқӣ диққат дода мешавад.
3. Аъзои Кумита, аз ҷумла шахсоне, ки бо пешбарии давлатҳои ширкаткунанда ба рӯйхат дохил шудаанд, бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мешаванд. Ҳар давлати ширкаткунанда метавонад аз ҷумлаи шаҳрвандони худ як нафарро пешбарӣ намояд.
4. Интихоби нахустин на дертар аз шаш моҳи эътибор пайдо кардани Конвенсияи мазкур баргузор мегардад ва минъбад дар ду сол як бор сурат мегирад. Камаш чор моҳ пеш аз рӯзи ҳар як интихобот Котиби куллии Созмони Милали Муттаҳид ба давлатҳои ширкаткунанда бо мактуб муроҷиат намуда, пешниҳод мекунад, ки дар зарфи ду моҳ номзадҳои худро ба Кумита пешниҳод намоянд. Сипас Котиби куллӣ аз рӯи алифбо рӯйхати шахсони пешниҳодшударо бо зикри номи давлатҳое, ки он шахсонро пешниҳод кардаанд, тартиб дода, рӯйхатро ба давлатҳои ширкаткунандаи Конвенсияи мазкур ирсол мекунад.
5. Интихобот дар ҷаласаҳои давлатҳои ширкаткунанда, ки аз тарафи Котиби куллӣ дар ташкилотҳои марказии Созмони Милали Муттаҳид даъват мегарданд, баргузор мешавад. Дар ин ҷаласаҳо, ки ҳадди нисоб (кворум)-и онро аз се ду ҳиссаи давлатҳои ширкатку-

нанда ташкил мекунанд, он номзадҳо ба ҳайати Кумита интихоб мешаванд, ки овозҳои аксарияти мутлақи ҳозирон ва намояндагони давлатҳои ширкаткунандаро, ки дар овоздиҳӣ иштирок мекунанд, соҳиб мешаванд.

6. Аъзои Кумита ба муддати чор сол интихоб мегарданд. Агар номзадиашон такроран пешниҳод шавад, ҳуқуқи маротибаи дуюм интихоб шуданро доранд. Муддати ваколати панҷ нафар аъзое, ки дар интихоботи аввал комёб шуда буданд, баъд аз ду сол интиҳо меёбад: номи ин панҷ нафар дафъатан пас аз интихобот бо қуръапартоии Раиси ҷаласа муайян мешавад.
7. Дар ҳолати даргузашт ё истеъфои ягон узви Кумита ё бо ягон сабаб вазифаи узвияти Кумитаро иҷро карда натавонистани нафаре аз аъзои он давлати ширкаткунанда, ки ин узвро пешниҳод карда буд, коршиносеро аз шаҳрвандони худ бо ризоияти Кумита ба муддати боқимонда таъин мекунад.
8. Кумита ашхоси вазифадори идораи худро ба муддати ду сол интихоб мекунад.
9. Кумита қоидаҳои хоси корбарии худро муқаррар мекунад.
10. Иҷлосияҳои Кумита чун қоида дар Идораҳои марказии Созмони Милали Мутатаҳид ё дар ягон ҷои мувофиқ, ки Кумита муайян мекунад, баргузор мегарданд. Кумита аз рӯи қоида иҷлосияҳои худро ҳар сол мегузаронад. Муддати кори иҷлосияи Кумита аз рӯи қоида дар ҷаласаҳои давлатҳои ширкаткунандаи Конвенсияи мазкур муайян мегардад ва агар зарурат пеш ояд, бо салоҳдиди Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид аз нав муқаррар мешавад.
11. Котиби куллии Созмони Милали Муттаҳид Кумитаро баҳри иҷрои самарабахши вазифаҳояш мувофиқи дастури Конвенсияи мазкур бо миқдори зарурии кормандон ва воситаҳои моддӣ таъмин мекунад.
12. Маоши аъзои Кумита, ки миқдору тартибашро Ассамблеяи Генералӣ муқаррар менамояд, аз ҳисоби Созмони Милали Муттаҳид пардохт карда мешавад.

## Моддаи 44

1. Давлатҳои ширкаткунанда ӯҳдадор мешаванд, ки ба Кумита тавассути Котиби куллии Созмони Милали Муттаҳид маърӯза пешниҳод намоянд ва аз чораҳое, ки барои мустаҳкам гардонидани ҳуқуқи эътирофкардаи Конвенсияи мазкур андешидаанд ва аз пешрафтҳое, ки дар амалӣ гардидани ин ҳуқуқ ба даст омадаанд,

салоҳиятнок эътироф гардидаанд, аз ҷумла ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки дар назди СММ мақоми машваратӣ доранд, ва чунин мақомоти он ба монанди Раёсати комиссари олии СММ оид ба корҳои гурезагон метавонанд ба Кумита маълумоти дахлдорро пешниҳод намоянд ва оид ба иҷрои муқаррароти Конвенсияи мазкур дархост гиранд.

ҳисобот медиҳанд. Маърӯза ба ин тарз пешниҳод мешавад:

а) давлати ширкаткунанда барои корҳои дусолааш, баъди пазируфтани Конвенсияи мазкур маърӯза мефиристад;

б) баъдан пас аз ҳар панҷ сол.

2. Дар маърӯзаҳое, ки мутобиқи моддаи мазкур пешниҳод карда мешаванд, омилҳо ва душвориҳо (агар мавҷуд бошанд), ки ба иҷрои ӯҳдадориҳои Конвенсияи мазкур таъсир мерасонанд, қайд мегарданд. Маърӯзаҳо бояд дорои ахбори мукамале бошанд, ки Кумита аз амалӣ гаштани моддаҳои Конвенсияи мазкур дар ҳар кишвар огоҳӣ ёбад.

3. Ба давлати ширкаткунанда, ки ба Кумита маърӯзаи мукаммали аввалинашро равона мекунад, дар маърӯзаҳои баъдӣ, ки мувофиқи банди 1«б» моддаи мазкур ирсол мешаванд, такрори ахбори пешниҳодшуда зарурат надорад.

4. Кумита метавонад аз давлатҳои ширкаткунанда оид ба амалӣ гаштани Конвенсияи мазкур ахбори иловагӣ дархост кунад.

5. Оид ба фаъолияти Кумита дар ду сол як бор тавассути Шӯрои иқтисодиву иҷтимоӣ ба Ассамблеяи Генералӣ маърӯза пешниҳод мешавад.

6. Давлатҳои ширкаткунанда ба иттилои умум расонидани маърӯзаашонро дар кишварҳои худ таъмин мекунанд.

## Моддаи 45

Бо мақсади мусоидат ба амали самарабахши Конвенсияи мазкур ва ташвиқи ҳамкории байналмилалӣ дар соҳае, ки онро Конвенсияи мазкур фаро гирифтааст:

а) муассисаҳои махсус, Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид ва дастгоҳҳои дигари Созмони Милали Муттаҳид ҳақ доранд, ҳангоми баррасии масъалаҳо оид ба амалӣ гаштани нишондодҳои Конвенсияи мазкур, ки дар салоҳияти онҳост, намоянда дошта бошанд. Кумита, агар зарур донад, метавонад ба идораҳои тахассусӣ, ба Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид ва дигар дастгоҳҳои салоҳиятнок пешниҳод намояд, то хулосаи коршиносонро оид ба амалӣ гаштани Конвенсияи мазкур дар соҳаҳое, ки ба доираи салоҳияти онҳо дохил мешаванд, риоя кунанд;

б) Кумита ҳар гаҳ зарур донад, ба муассисаҳои махсус, ба Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид ва

дигар дастгоҳҳои босалоҳият ҳама гуна маъrӯзаҳои давлатҳои ширкаткунандаро мефиристад, ки дар онҳо хоҳиши гирифтани маслиҳат ё кӯмаки техникӣ ё зарурати чунин маслиҳату кӯмак изҳор шудааст ва ҳамчунин фикру мулоҳиза ва пешниҳодҳои Кумита дар бораи он хоҳишу дархостҳо баён гардидааст;

в) Кумита метавонад ба Ассамблеяи Генералӣ тавсия бидиҳад, то ба Котиби куллӣ пешниҳод кунад, ки аз номи Ассамблеяи Генералӣ оид ба масъалаҳои ҷудогонаи ҳуқуқи кӯдак тадқиқот гузаронанд;

г) Кумита метавонад дар асоси иттилооте, ки тибқи моддаҳои 44 ва 45 Конвенсияи мазкур ба даст омадааст, пешниҳоду тавсияҳои умумӣ ба миён гузорад. Чунин пешниҳоду тавсияҳои умумӣ ба ҳар давлати ширкаткунандаи манфиатдор фиристода шуда, ҳамзамон бо қайду мулоҳизаҳои давлатҳои ширкаткунанда (агар чунин қайдҳо бошанд) ба Ассамблеяи Генералӣ ирсол мешаванд.

# ҚИСМИ III

## Моддаи 46

Конвенсияи мазкур барои пазириш ва имзои ҳамаи давлатҳо кушода аст.

## Моддаи 47

Конвенсияи мазкур бояд тасдиқ карда шавад. Тасдиқномаҳо ба Котиби куллии Созмони Милали Муттаҳид барои нигаҳдорӣ супурда мешаванд.

## Моддаи 48

Ҳар давлат ба Конвенсияи мазкур ҳамроҳ шуда метавонад. Ҳуҷҷатҳои ҳамроҳшавӣ ба Котиби куллии Созмони Милали Муттаҳид барои нигаҳдорӣ супурда мешаванд.

## Моддаи 49

1. Конвенсияи мазкур дар рӯзи сиюми ба Котиби куллии Созмони Милали Муттаҳид супурда шудани тасдиқнома ё санади ҳамроҳшавии бистумин давлат эътибор пайдо мекунад.
2. Барои ҳар давлате, ки Конвенсияи мазкурро тасдиқ кардааст ё баъди барои нигаҳдорӣ супурда шудани бистумин тасдиқнома ё санади ҳамроҳшавӣ ба он ҳамроҳ шудааст, Конвенсияи мазкур дар рӯзи сиюми (баъди бисту нӯҳ рӯзи) супурда шудани тасдиқномаи ин давлат ё ҳуҷҷати ҳамроҳшавии он, эътибор пайдо мекунад.

## Моддаи 50

1. Ҳар давлати ширкаткунанда метавонад ислоҳе пешниҳод кунад ва онро ба Котиби куллии Созмони Милали Муттаҳид супорад. Котиби куллӣ ин ислоҳро ба давлатҳои ширкаткунанда мефиристад ва назархоҳӣ мекунад, ки оё онҳо бахри таҳқиқ ва ба овоз гузоштани ин пешниҳодҳо конференсия даъват карданро зарур медонанд ё не. Агар дар давоми чор моҳи пас аз фиристода шудани хабар лоақал сеяки давлатҳои ширкаткунанда хоҳиши даъвати чунин конференсияро изҳор кунанд, Котиби куллӣ ин конференсияро таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид даъват менамояд. Ҳар ислоҳе, ки аксари давлатҳои ширкаткунан-

даи конференсия бо овоздиҳӣ қабул мекунанд, барои тасдиқ ба Ассамблеяи Генералӣ пешниҳод мешавад.

2. Ислоҳе, ки мувофиқи банди 1 моддаи мазкур қабул шудааст, пас аз тасдиқи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид ва қабули аз се ду ҳиссаи давлатҳои ширкаткунанда эътибор пайдо мекунад.
3. Вақте ки ислоҳ эътибор пайдо мекунад, он барои давлатҳои ширкаткунанда, ки онро пазируфтаанд, ҳатмӣ хоҳад буд, аммо барои дигар давлатҳои ширкаткунанда муқаррароти Конвенсияи мазкур ва ҳар як ислоҳи дигари пештара, ки худи онҳо пазируфтаанд, ҳатмӣ мемонад.

## Моддаи 51

1. Котиби куллии Созмони Милали Муттаҳид матни тавзеҳотро, ки давлатҳо ҳангоми тасдиқи Конвенсияи мазкур ё пайвастан ба он зарур донистаанд, қабул мекунад ва ба ҳамаи давлатҳо мефиристад.
2. Тавзеҳоте, ки ба вазифаву мақсадҳои Конвенсияи мазкур созгор нестанд, қобили қабул нахоҳанд буд.
3. Ҳар тавзеҳотро ҳар гоҳ метавон аз эътибор соқит кард. Лозим аст, ки огоҳиномае дар бораи аз эътибор соқит кардани тавзеҳот ба унвони Котиби куллии Созмони Милали Муттаҳид фиристода шавад. Котиби куллӣ ба ҳамаи давлатҳои ширкаткунанда дар бораи он иттилоъ медиҳад. Огоҳинома аз рӯзи расиданаш ба дасти Котиби куллии Созмони Милали Муттаҳид эътибор пайдо мекунад.

## Моддаи 52

Ҳар давлати ширкаткунанда метавонад ба унвони Котиби куллии Созмони Милали Муттаҳид огоҳиномаи хаттӣ бифиристад ва Конвенсияи мазкурро бекор намояд. Бекор намудани Конвенсияи мазкур баъди як соли расидани огоҳинома ба дасти Котиби куллӣ эътибор пайдо мекунад.

## Моддаи 53

Котиби куллии Созмони Милали Муттаҳид маҳфуздорандаи Конвенсияи мазкур хоҳад буд.

## Моддаи 54

Асли Конвенсияи мазкур, ки матнҳои он ба забонҳои англисӣ, арабӣ, испанӣ, хитоӣ, русӣ ва фаронсавӣ эътибори баробар доранд, барои нигаҳдорӣ ба Котиби куллии Созмони Милали Муттаҳид супурда мешавад.

Барои тасдиқи ҳамин имзокунандагони зерин, ки ба таври дахлдор ваколатдор шудаанд, Конвенсияи мазкурро ба имзо расониданд.